## 07 00 06 АРХЕОЛОГИЯ
## 07 00 06 ARCHEOLOGY

*УДК 930*
*ББК 63.48 (5)*

# *КОВИШҲОИ БОСТОНШИНОСӢ ВА БОЗЁФТИ СИККАҲОИ КУШОНӢ ДАР ШАҲРКАДАИ ҒАРАВҚАЛЪА*

***Каримдодов Миралӣ Замонович,*** *унвонҷӯи курси 2-юми Институти таърих, археология ва этнографияи АМИ ҶТ (Тоҷикистон, Душанбе)*

# *АРХЕОЛОГИЧЕСКИЕ РАСКОПКИ И ОБНАРУЖЕНИЕ КУШАНСКИХ МОНЕТ НА ГОРОДИЩЕ ГАРАВКАЛА*

***Каримдодов Мирали Замонович,*** *соискатель второго курса Института истории, археологии и этнографии НАН РТ (Таджикистан, Душанбе)*

# *ARCHAEOLOGICAL EXCAVATIONS AND DISCOVERY OF KUSHAN COINS IN GARAVKALA SETTLEMENT*

***Karimdodov Mirali Zamonovich,*** *applicant of the second year of the Institute of History, Archeology and Ethnography under the National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan. (Tajikistan, Dushanbe)* ***E-MAIL:*** *mkarimdodov@mail.ru*

***Калидвожаҳо****: ҳафриёти бостоншиносӣ, экспедитсия, Осорхонаи миллии Тоҷикистон, ёдгорӣ, Ғаравқалъа, давраи ҳукмронии Кушониён, муомилоти пул, сиккаҳо, эзидони давраи кушонӣ*

*Дар бораи ҳафриёти бостоншиносии кормандони МД ОМТ дар соли 2014 дар ёдгории Ғаравқалъа ва бозёфти сиккаҳо дар ин ёдгорӣ маълумот дода шудааст. Шарҳу тавсифи сиккаҳое, ки дар рафти экспедитсия аз ёдгории Ғаравқалъа бозёфт шудаанд, пешниҳод гардидааст. Сиккаҳо аз рӯи солшуморӣ тақсимбандӣ шуда, тавсифи руй ва пушти онҳо пурра оварда шудааст. Инчунин перомуни аввалин ҳафриёт дар ёдгории мазкур сухан рафтааст. Дар бораи ташкили экспедитсия ва саҳми Осорхонаи миллӣ дар мавриди ҷамъоварӣ, муаррифӣ, ҳифзи осорҳои бостонӣ маълумот оварда, тавсифи мухталифи ёдгории Ғаравқалъа пешниҳод шудааст. Зикр гардидааст, ки тартиб додани ҷадвали сиккаҳо ва муқоисаи онҳо бо дигар сиккаҳо яке аз корҳои асосӣ ба шумор меравад. Дар мавриди эзадони динҳои гуногун, ки дар замони давлатдории Кушониён арзи вуҷуд доштанд, маълумот пешниҳод шудааст. Дар охир хулосаҳо дар мавриди тиҷорат ва муомилоти пулӣ дар шаҳраки Ғаравқалъа ироа гардидаанд.*

***Ключевые слова:*** *археологические раскопки, экспедиция, Национальный музей Таджикистана, памятник Гаравкала, время правления Кушанов, денежное обращение, найденные монеты, божества времен Кушанов*

*Даны сведения об археологических раскопках, проведенных работниками ГУ НМТ в 2014 году на памятнике Гаравкала, а также о найденных на этом памятнике монетах. Представлены описания и даны разъяснения касательно монет, найденных в период экспедиции на памятнике Гаравкала. Монеты квалифицированы по хронологии, и дается полное описание их аверса и реверса. А также упоминаются первые раскопки, проведенные на данном памятнике. Описываются организация экспедиции и роль Национального музея в сборе, представлении и сохранении древних артефактов, затем дается краткая информация о памятнике Гаравкала. Одной из основных задач является*

*составление таблицы найденных монет и их сравнение с другими монетами. Также сделана попытка предоставить информацию о божествах различных религий, существовавших во времена правления Кушанов. В заключении представлены выводы о торговле и денежном обращении в городе Гаравкала.*

***Key-words:*** *archeological excavations, expedition, National Museum of Tajikistan, Gharavkala monument, the period of Kushanian` ruling, monetary circulation, found coins, deity of Kushanians` time*

*In this article the author gives the data about archaeological excavations conducted by scientific officers of the State Managerial Office of the National Museum of Tajikistan in 2014 and Garavkala monument, the coins found in this monument being presented as well. The article is based on the description of coins found during the expedition on Gharavkala monument. The article classifies coins by chronology and provides a complete description of a verse and reverse of the coins. In this article the author also talks about the first excavations done on this monument. The article begins with an overview of the organization of the expedition and the contribution of the national museum into the collection, presentation and preservation of ancient artifacts, followed by a brief overview of Garavkala monument. Drawing up a table of coins and comparing them with other coins is one of the main tasks of the article. The author also tries to provide information about the duties of different religions that existed during the reign of the Kushans. In conclusion, the author formulates inferences concerning trade and money circulation in the city of Garavkala.*

Дар ҳифзи мероси ниёгон нақши осорхонаҳо басо муҳим ва назаррас мебошад. Дар ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо низ осорхонаҳои зиёд фаъолияти пурсамар доранд, ки осори ниёгонро ҷамъоварӣ, нигаҳдорӣ ва муаррифӣ мекунанд.

Дар ҷамъоварии ашёҳои таърихӣ ва махсусан сиккаҳо саҳми МД ОМТ хеле назаррас аст.Осорхона пайваста кормандони худро ба ҳафриётҳои бостоншиносӣ сафарбар менамояд, ки ҳазорон ашёи таърихӣ ва махсусан сиккаҳо кашф гардида вориди он мегарданд.

Аввалин экспедитсияи бостоншиносӣ-ҷустуҷӯии МД ОМТ соли 2014 сурат гирифта буд. Экспедитсия аз 20 октябр то 25 ноябр идома дошт. Мақсади асосии экспедитсияи мазкур муайян намудани ёдгориҳои ба истилоҳ то кунун кашфношудаи бостонӣ дар ноҳияҳои Хуросон, А.Ҷомӣ, Ёвон ва ҷамъоварии экспонатҳо аз аҳолии ноҳияҳо, инчунин гузаронидани ҳафриёти бостоншиносӣ дар ёдгориҳои минтақа буд.

Ҳайати гурӯҳи кории экспедитсия аз 4 нафар иборат буд. Сардори экспедитсия собиқ директори Осорхонаи миллии Тоҷикистон Шарифзода А.Қ. таъин шуда буд. Ҳамчунин кормандон Азизов У. мутахассиси пешбари шуъбаи бостоншиносӣ ва сиккашиносӣ, Сафоев М. сармутахассиси шуъбаи таърихи бостон ва асрҳои миёна ва Назаров З. сармутахассиси шуъбаи бозсозии экспозитсионӣ ва дизайн ба ҳафриёт ҷалб шуда буданд.

Ҳафриёти кормандони МД ОМТ аз ёдгории Ҳалқаҷари ноҳияи Хуросон оғоз ёфт. Бостоншиносон дар ин ёдгорӣ ду ҳафриёт канданд, ки дар натиҷа сафолпораҳои зиёд ва дигар ашёҳо кашф гардид. Мутаассифона дар ин ёдгорӣ дар соли аввали экпедитсия ягон сикка пайдо нашуд.

Ҳамин тавр, гурӯҳи бостоншиносони МД ОМТ аз ёдгориҳои ноҳияи А. Ҷомӣ низ дидан намуда, сипас ба ноҳияи Ёвон ба ёдгории Ғаравқалъа раҳсипор гардиданд.

Ғаравқалъа дар қисмати ғарбии деҳаи Ғарави ноҳияи Ёвон ва ҳавзаи рӯдҳои Даҳанасу ва Гулисой ҷойгир буда, тарҳи росткунҷа (500 x 600 м.) дорад. Таҳқиқоти бостоншиносӣ

дар Ғаравқалъа соли 1963 аз ҷониби Э. А. Юркевич оғоз шуда, ҳафриёти минбаъдаро бостоншиносон Т.И. Зеймал ва Е.В. Зеймал (1963 ва 1965 ) бо роҳбарии Б. А. Литвинский ва А. Абдуллоев (1971-84) идома доданд. Дар шимоли ёдгорӣ, қабристон ҷойгир буда, соли 1965 аз ҷониби Л. Т. Пянкова ва соли1966 аз ҷониби В.С. Соловёв таҳқиқ карда шудааст[2.65]. Майдони умумии таҳқиқшудаи ёдгорӣ 800м$^2$ аст. Даҳ уфуқи стратиграфию харобаҳои ошкоршудаи арк ва бахши марказии Ғаравқалъа имкон дод, ки шаш давраи муттасили ҳаёти шаҳристон муайян карда шавад. Иморатҳои маскунӣ ва ёрирасони Ғаравқалъа аз пахса ва хишти хом (30-34х30-34х10-12 см) сохта шуда, баъзе деворҳо бо иртифои 1-1,5 м ва паҳноияшон 0,8-1,1 м боқӣ мондаанд. Иморатҳо даҳлезшакл ва тарҳан чоркунҷа (8-12 м) буданд. Утоқҳо ба воситаи роҳравҳо бо ҳам пайваст шуда, баромадашон ба самти ҳавлӣ ё паскӯча буд. Зимни ҳафриёти шаҳристон беш аз 3278 адад маснуоти кулолӣ ёфт шуд, ки аксараш зарфҳои хӯрокпазӣ ва сафолӣ буданд[1.14].

Ковишҳо нишон доданд, ки ин ёдгорӣ дар аҳди Кушониён яке аз шаҳрҳои маркази водии Вахш буда, меъмории он замонро дар худ таҷассум кардааст[9.71]. Шаҳристони ёдгорӣ аз панҷ қисм иборат буд: Бахши марказӣ шакли росткунҷа (380х220 м) дорад ва масоҳаташ 8,4 га аст, ки аз муҳити атроф дар баландии 6-8 м қарор дошта, онро хандақ иҳота кардааст. Арк, росткунҷа (100х140), масоҳаташ 1,4 га, дар зовияи шимолу ғарбии бахши марказӣ, ба иртифои 2 м аз он ҷойгир аст. Арк дар иҳотаи хандақ (паҳноияш 6-8 м) буда, ягона гузаргоҳ онро бо бахши марказӣ мепайваст. Иншооти шаҳркада, ки дар атрофи бахши марказӣ қомат афрохта буданд. Ҳудуди шаҳркада бо девори мудофиавӣ иҳота шуда, то лаҳзаи ҳафриёт бо баландии 3 м боқӣ монда буд. Роҳи даромад ба шаҳркада аз самти шимолу ғарбӣ мебошад[10.131]. Гӯрхона 200 м дуртар аз шаҳркада, дар самти шимол ва шимолу шарқӣ қарор дошт. Гӯрхона бо шумори зиёди теппаҳояш то деҳаи Гулисойи имрӯза тӯл мекашид. Маҳаллаи ҳунармандон дар зовияи шарқии шаҳркада буда, кӯраҳои сафолпазӣ дошт. Имрӯз аз ёдгории Ғаравқалъа танҳо бахши марказӣ ва арк боқӣ монда, қисмҳои дигар ба майдони пахтазор табдил ёфтаанд.

Дар соли 2014 аз ҷониби кормандони МД ОМТ дар қисмати шарқии ёдгории Ғаравқалъа як шурфи 3х4м$^2$ канда шуд. Дар натиҷа аз ин шурф қисми болои хум, сафолпораҳои зиёди нақшину бенақш, ду адад сиккаи мисӣ ва як адад олоти сангии ғаллакӯбӣ пайдо шуд. Ғайр аз ин аз қисмати дохилии қабрҳо ва қисми шудгоршудаи ёдгорӣ дар умум 53 адад сиккаҳои мисӣ ва нуқрагӣ пайдо шуда буданд. Бояд зикр кард, ки сиккаҳои бозёфтшударо ба воситаи фулузҷӯ аз мавзеъҳои гуногуни ёдгории Ғаравқалъа пайдо намуданд. Аз ин миқдор як адад сиккаи нуқрагии шоҳ Ҳерай, як адад сиккаи кушонӣ-сосонӣ, асрҳои III-IV,47 адад сиккаҳои мисии шоҳони кушонӣ, ду адад сиккаҳои темурӣ, зарробхонаи Бухоро, асрҳои XV-XVI, як адад сиккаи темурӣ, асрҳои XV-XVI мебошанд.

***Ҷадвали 1***

**Сиккаҳои дар ёдгории Ғаравқалъа дар соли 2014 дар рафти ковишҳои бостоншиносӣ кашфшуда.**

| № | Номи шоҳ | Миқдор | Фирқа | % аз миқдори умумӣ | Фулуз |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҳерай | 1 | Обол | 1,8 | нукра |
| 2 | Вима Такту | 5 | Дидрахма | 9,4 | мис |
| 3 | Вима Кадфиз | 1 | Тетрадарахма | 1,8 | мис |
| 4 | Канишка | 5 | Тетрадрахма | 9,4 | мис |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 5 | Ҳувишка | 2 | Драхма | 3,7 | мис |
| 6 | Тақ. Канишка III | 14 | Драхма | 26,4 | мис |
| 7 | Васудева | 4 | Драхма | 7,5 | мис |
| 8 | Тақ. Ҳувишка | 3 | Драхма | 5,6 | мис |
| 9 | Тақ. Васудева | 6 | Драхма | 11,3 | мис |
| 10 | Кушонӣ-сосонӣ | 1 | Драхма | 1,8 | мис |
| 11 | Номаълум | 7 | Драхма | 13,2 | мис |
| 12 | Темурӣ | 3 | | 5,6 | мис |
| 13 | Номаълум | 1 | | 1,8 | мис |
| 14 | Миқдори умумӣ | 53 | | | |

Чунон, ки дар боло зикр намудем аз 53 адад сиккҳои пайдошуда чаҳорто асримиёнагӣ буда боқимонда ҳама сиккаҳо ба давраи қадим (давраи Кушониён) тааллуқ доранд. Сиккаи аз ҳама қадимтарини кушонӣ оболи нуқрагии яке аз аввалин шоҳони кушонӣ Ҳерай мебошад. Мутаассифона обол шикаста буда, тасвири сари шоҳ хуб намоён нест.

Дар таркиби сиккаҳои ба даст омада 6-адад сиккаҳои “дидрахмаи”-и мисии шоҳ Вима Такту ( Сотер Мегас ) кашф гардида, мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд. Дар рӯи онҳо тасвири нимтанаи шоҳ бо тоскулоҳ ва ду радиф наворҳои дароз, ҷузъиёти рӯяш хуб дида мешаванд, дар пушти тасвири сари шоҳнишони шоҳӣ мушоҳида мешавад, найзаи кутоҳ – дротикдар дасти рост дорад. Аммо катибаи сиккаҳо қисман пок шуда ва ба таври возеҳу солим боқӣ намондаанд. Дар пушти сиккаҳо тасвири шоҳи аспсавор, дасти росташ ба пеш равон шуда, табарзинро доштааст, дар даври сиккаҳо навиштаи юнонии “Шоҳи шоҳон наҷотбахши кабир” ҳакк шудааст, ки нохоно мебошад.

Аз таркиби сиккаҳо як адад сиккаи Вима Кадфиз шиносоӣ, таҳқиқ ва баррасӣ шуд. Ба гунаи маъмул дар рӯи сикка тасвири ростои шоҳ, дасти рости шоҳ ба тарафи оташдони зардуштӣ дароз карда шуда, найза дар шакли амудӣ дида мешавад. Дар пушти сикка тасвири ростои эзад Шива дар пеши говмеш Нанди, тасвир ёфта, қисман суфта шудаанд.

Аз таркиби сиккаҳо 5 адад сиккаи Канишка шиносоӣ, таҳқиқ ва баррасӣ шуд. Ба гунаи маъмул дар рӯи сиккаҳо шоҳ баркад ва дар пушти сиккаҳо эзадон аз дину мазҳабҳои гуногун тасвир шудаанд ва эзадони зер шинохта шуданд:

1. Вадо- Бод- 1 адад;
2. Шива- 1 адад;
3. Оташ- 1 адад
4. Номаълум- 2 адад;

Барои мардуми ориёӣ чаҳор унсури табиат- обу оташ ва боду хок муқаддас буд ва ин муқаддасотро дар шаклҳои мухталиф тасвир мекарданд. Яке аз унсурҳои табиӣ- бодро ин мардум дар шакли шахси даванда тасвир намудаанд. Дар рӯи ин сикка тасвири ростои шоҳ Канишка аст. Шоҳ бо тоҷи баланд, наворҳои басташуда ба тоҷ, бинии калон, риши анбуҳи шонахӯрда, болокаши ба китфон партофташуда, ки ду сари онро як ҳалқа мебандад, либоси поёнвасеи то ба зону, миёни баста, ханҷар дар миён, дасти рост ба тарафи оташдони зардуштӣ равона, дар дасти чап найза, дастмона дар банди даст, панҷаҳои пой ба ду тараф равона тасвир гаштааст. Рӯи шоҳ ба самти рост гардонида шудааст. Ду адад хатчаҳои каҷрафта дар самти китфи росташ дида мешаванд, ки забонаҳои оташро ифода мекунанд. Катибаи тахрибгашта бо хати бохтарӣ, ки “Канишкаи Кушонӣ” навишта шудааст, дар даври сикка аз соати 10 то соати 4 ҳакк гардидааст ва даври боқимондаи сиккаро аз соати 4 то

соати 10 нуқтаҳо гирифтаанд. Дар пушти сикка бошад тасвири ростои эзади зардуштӣ- Вадо яъне эзади Бод бо дастҳои нимақад бардошташуда ва дар ҳоли давидан дида мешавад. Хатҳои доирашудаи даври тасвири эзад бодро ифода мекунанд. Дар пушти тасвири эзад номи ӯ дар шакли амудӣ бо хати бохтарӣ- ОАДО(ВАДО) яъне БОД хонда мешавад. Тасвири эзад дар нуқтаҳои кӯбидашуда гирифта шудааст.

Пас аз тасхири бахши шимолии Ҳиндустон аз ҷониби Кушониён ва ҳукуматдорӣ дар ин манотиқ ва ошноӣ бо санъату фарҳанги мардуми бумӣ то як андоза омезиши арзишҳои эътиқодоти бохтарӣ бо ҳиндӣ ба миён меояд. Санъату маданият ва ба вижа боварҳои динии мардуми ҳинду, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо сайқалдидаву тавсеахӯрда буд, дар эътиқодоти ҳукуматдорони кушонӣ ва мардуми бохтарӣ бетаъсир намонд[8.53]. Дар натиҷаи бархӯрди фарҳангӣ бо мардуми ҳинду яке аз эзадони олии ин мардум Шива ва равияи шивопарастӣ бар эътиқодиёти мардуми Шоҳаншоҳии кушонӣ роҳ меёбад ва вусъат пайдо мекунад. Ҳамин аст, ки дар сиккаҳои шоҳони кушонӣ махсусан дар сиккаҳои Канишкаи Кабир тасвири эзади чаҳордаста ва ду дастаи Шива дида мешавад. Дар ин сикка низ рӯи сикка чун анъана тасвири ростои шоҳ назди оташдони зардуштӣ ва дар пушти сикка бошад, тасвири ростои эзади ҳиндуӣ- Шива бо чор даст, ду дасташ ба боло бардошташуда мебошад ва дар онҳо ашёи номаълумро доштааст, як дасти рост моил ба пеш ва дар он нишони шоҳӣ- дайҳимро доштааст ва дар зери тасвири дасти эзад нишони шоҳӣ ҳакк гардидааст[4.8]. Як дасти чап моил ба поён мебошад. Тасвири эзад дар нуқтаҳои кӯбидашуда гирифта шудааст.

Дигар сиккаи Канишка, ки шиносоӣ ва таҳқиқ шуд, ҳамчун анъана дар рӯи сикка тасвири ростои шоҳ назди оташдони зардуштӣ дар пушти сикка бошад, тасвири ростои эзади зардуштӣ- Оташ, дайҳим бо наворҳои дароз, бинии бузург, лабҳои ғафс ва риши анбуҳи шонахӯрда, дасти рост моил ба пеш ва дар он рамзи шоҳӣ- дайҳимро доштааст. Дасти чап дар миён гузоштааст. Ду ҳарф аз номи эзад бо хати юнониасоси бохтарӣ- АТ(ШО) яъне ОТАШ хонда мешавад. Тасвири эзад дар нуқтаҳои холкӯбишуда гирифта шудааст.

Ду сиккаи дигар суфта шуда шиносоӣ кардани эзадҳои пушти сиккаҳо каме душвор аст. Аммо бо эҳтимоли зиёд ин эзадон Митро ё Мао ( Офтоб ё Моҳтоб ) мебошанд. Дар пушти сиккаҳо тасвири эзади росто, дасти росташ бардошта шудааст, дар зери тасвири дасташ муҳри шоҳӣ дида мешавад, дасти чап дар миён, либосҳояш то зону мебошад. Бояд ёдовар шуд, ки эзадони Митро ва Мао ҳарду дар як шакл тасвир шуда, фарқияти байни онҳо дар тасвири ҳолаи нур (нимб) дар гирди сари Митро ва тасвири ҳилол дар китфони Мао мебошанд.

Дар рафти экспедитсия дар қатори дигар сиккаҳо 5 сиккаи шоҳ Ҳувишка низ ба даст омад, ки аз онҳо 2 ададаш сиккаҳои аслии шоҳ буда, сетои дигараш сиккаҳои пайравонаи шоҳ Ҳувишка мебошанд.

Бояд зикр кард, ки то имрӯз 36 навъи сиккаҳои шоҳ Ҳувишка таҳқиқ ва барасӣ шудааст. Дар пушти сиккаҳои Ҳувишка бештар эзадони дини зардуштӣ ба назар мерасад[5.205]. Инчунин сазоворӣ ёдоварист, ки дар сиккаҳои шоҳони кушонӣ бори аввал се эзади ҳиндӣ (Сканда Кумара, Висакха, Махасена ) ва ду эзади баромад аз динҳои Эрони қадим (Ванинда ва худо Шаҳревар) ба мушоҳида мерасад.

Дар қаламрави имрӯзаи Тоҷикистон, хусусан, дар ёдгориҳои ҷанубии ҷумҳурӣ бештар ду навъи сиккаҳои мисии шоҳ Ҳувишка (рӯи сикка: шоҳ филсавор ва шоҳ дар тахт нишаста) пайдо шудаанд. Сиккаҳои шоҳ Ҳувишка, ки дар рафти экспедитсияи мазкур пайдо шуданд, ҳамин навъ мебошанд. Аз ду сиккаи аслии ин шоҳ як адади он шоҳ филсавор дар рӯи сикка ва дигараш шоҳ дар тахт нишаста тасвир шудааст. Сиккаҳо тахриб шуда ҷузъётҳои онҳо хуб

намоён нестанд. Дар рӯи сиккаҳои пайравонаи Ҳувишка низ шоҳ дар тахт нишаста тасвир ёфтааст, аммо сиккаҳо тахрибшуда буда, ҳолаташон хеле бад мебошад.

Аз рӯи шумора сиккҳои бозёфтшуда сиккаҳои Васудева дар ҷойи дуюм меистанд. Дар рафти ҳафриёт дар умум 10 адад сиккаҳои ин шоҳ кашф гардид, ки аз онҳо 4 ададаш сиккаҳои аслии шоҳ буда, 6 адади дигарро сиккаҳои пайравона ба шоҳ Васудева ташкил медиҳанд.

Дар рӯи сиккаҳо тасвири ростои шоҳ Васудева назди оташдон, дасти рост тарафи оташдони зардуштӣ, найза дар дасти чап, либосҳояш то ба зону мерасад. Дар самти чапаш нишони шоҳӣ дида мешавад. Дар пушти сиккаҳо бошад тасвири ростои эзад Шива бо говмеш Нанди аст, ки самти равиши говмеш ба тарафи рост мебошад. Бояд зикр кард, ки дар мавриди рӯи сиккаҳои Вима Кадфиз, Канишка ва Васудева баҳсҳо хеле зиёд аст. Як гуруҳ сиккашиносон ақида доранд, ки шоҳ дар назди қурбонгоҳ истодааст, гуруҳи дуюм андеша дорад, ки шоҳ дар назди оташдони зардуштӣ истода, дар ҳолати парастиш қарор дорад. Сиккашиноси шинохтаи тоҷик, доктори илмҳои таърих Давлатхоҷа Довудӣ андеша дорад, ки шоҳ назди оташдони зардуштӣ буда, дар ҳолати парастиш қарор дорад ва дасти росташро ба тарафи оташдон дароз намудааст[4.7]. Ақидае низ вуҷуд дорад, ки шоҳ бо дасти росташ миҷмарро доштааст.

Дар рафти экспедитсияи мазкур аз ҳама зиёд сиккаҳои Канишкаи III кашф гардидаанд. Бояд ёдовар шуд, ки ин калонтарин ва ягона кашфи миқдори зиёди сиккаҳои Канишка III дар рафти як экспедитсия то ин замон дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Ҳама сиккаҳо як навъ буда дар рӯи онҳо тасвири ростои шоҳ Канишка III, дасти рост моил ба поён, дасти чап нимақад бардошташуда, тоҷи баланд бар сар дорад. Либосаш то ба зону аст. Дар пушти сиккаҳо тасвири тахрибшудаи эзадбону Ардохшо мебошад[6.251]. Сиккаҳо дар ҳолати миёна қарор доранд. Бештарашон тахриб шуда, ҷузъиёти рӯй ва пушти онҳо хуб намоён нест. Ҳама сиккаҳо пайравона ба шоҳ Канишкаи III мебошанд.

Инчунин, дар рафти экспедитсия як адад сиккаи кушонӣ-сосонӣ низ ба даст омада, ки ҳолаташ хуб мебошад. Дар таркиби сиккаҳои бозёфтшуда, 49- адад сиккаҳои қадим кашф гардида, мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд, ки аз ин миқдор ҳафт ададӣ онҳо пурра тахриб шуда муайян карда нашуд, ки ба кадом шоҳони кушонӣ тааллуқ доранд. Сиккаҳо таҳти рақами осорхонавӣ КВ-15451/1-53 дар фонди Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳифз ва нигоҳдорӣ шуда истодаанд.

Дар охир бояд зикр намуд, ки ин аввалин экспедитсия дар ёдгории Ғаравқалъа мебошад, ки дар рафти он шумораи зиёди сиккаҳо ба даст омаданд. Дар асоси ковишҳои бостоншиносӣ ва таҳқиқу пажуҳиши осори ёфташуда муайян карда шуд, ки шаҳри Ғаравқалъа дар давраи империяи бузурги Кушониён аз асрҳои I п.м. то асрҳои III-IV мелодӣ[10.69] яке аз шаҳрҳои рақобатпазир дар ҳама соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба шумор мерафт. Такя ба сиккаҳо, ки дар рафти ковишҳои бостоншиносӣ аз ҷониби кормандони МД ОМТ ба даст омаданд, метавон гуфт, ки дар зиндагии мардуми шаҳри Ғаравқалъа тиҷорат нақши муҳим доштааст. Яке аз далелҳои рушди савдо, ин ёфт шудани шумораи зиёди сиккаҳо ҳангоми ҳафриёт аз ҷониби кормандони МД ОМТ дар ин шаҳр мебошад. Дар асоси сиккаҳо мо метавонем ҳадс занем, ки авҷи инкишофи муомилоти пулӣ ва муносибан рушди тиҷорат ба давраҳои шоҳаншоҳи Канишкаи III ва Васудева, яъне ба асрҳои III-IV м. рост меояд. Зеро чуноне, ки дар боло зикр гардид дар рафти ҳафриёт бештар сиккаҳои Канишкаи III, Ҳувишка, Васудева ва сиккаҳои пайравонаи ин шоҳон бозёфт ва кашф шудаанд. Бояд як нуктаи дигаро низ таъкид кард, ки дар рафти ҳафриёти соли 1963 ва 1965 аз ҷониби бостоншиносон Т. И. Зеймал ва Е. В. Зеймал бо роҳбарии Б.

А. Литвинский сиккаҳои пайравонаи Васудева ва Канишкаи III бозёфт шуда буданд[1.14]. Аммо ин далели қавӣ ва дақиқ набуда ҳафриётҳои минбаъда метавонанд тағйирот дар гуфтаҳои боло зам намоянд.

***Пайнавишт:***


1. *Литвинский А., Археологические работы в Таджикистане в 1962-1970 гг. (Некоторые итоги и проблемы). /А. Литвинский. – М.:Наука, 1973-321с.*
2. *Бобомуллоев С., История изучения археологических памятников южного Таджикистана (XX начало XXI вв). /С. Бобомуллоев. – Душанбе: Истеъдод, 2010-278 с.*
3. *Довудӣ Д., Монетные клады Таджикистана. /Д. Довудӣ. - Душанбе: Дониш, 2009-409 с.*
4. *Довудӣ Д, Шарифзода А. Клад кушанских монет из Вахшской долины. /Д. Довудӣ, А. Шарифзода. - Душанбе: Шуҷоён, 2010-90 с.*
5. *Зеймал. Е.В. Древние монеты Таджикистана. /Е.В.Зеймал. - Душанбе: Дониш, 1983 – 344 с.*
6. *Давидович Е.А., Клады древних и средневековых монет Таджикистана. / Е.АДавидович. – М.: Наука, 1979. - 427 с.*
7. *Китоби махсуси воридотии №1-и Осорхонаи миллии Тоҷикистон.*
8. *Н.Ҳотомов, Д.Довудӣ, С.Муллоҷонов, М.Исоматов. "Таърихи халқи тоҷик"- Душанбе: ЭР-граф, 2015-644 с.*
9. *Убайдуллои Ш." Қалъаҳои Ёвон куҷо шуданд", Маҷалаи "Мероси ниёгон" №18. Душанбе, 2016-138 с.*
10. *Юркевич Э. А. Археологические работы в Таджикистане в 1961 г. "Разведки в Яванском районе". /Э. А. Юркевич. –Душанбе: Академияи илмҳои Токикистон, 1964. -135 с.*


***Reference Literature:***


1. *Litvinsky A. Archaeological Jobs in Tajikistan during 1962-1970 (Certain Summings-up and Problems) // A. Litvinsky. – M.: Science, 1973. – 321 pp.*
2. *Bobomulloyev S. The History of Studies in Reference to Archaeology Monuments in Southern Tajikistan (the XX-th – the Beginning of the XXI-th Centuries) // S. Bobomulloyev. - Dushanbe: Abilities, 2010. - 278 pp.*
3. *Dovudi D. Monetary Treasures of Tajikistan // D. Dovudi. - Dushanbe: Knowledge, 2009. - 409 pp.*
4. *Dovudi D, Sharifzoda A. The Treasury of Kushanian Coins from the Vakhsh Valley // D.Dovudi, A. Sharifzoda. - Dushanbe: Warriors of Valor, 2010. - 90 pp.*
5. *Zeimal Ye.V. Ancient Coins of Tajikistan // Ye.V. Zeimal. - Dushanbe: Knowledge, 1983 - 344 pp.*
6. *Davidovich Ye.A. Treasures of Ancient and Medieval Coins of Tajikistan // Ye.A Davidovich. – M.: Science, 1979. - 427 pp.*
7. *Special Book of Entries No. 1 of the National Museum of Tajikistan.*
8. *N. Hotamov, D. Dovudi, S. Mullojohnov, M. Isomatov. The History of the Tajik Nation. - Dushanbe: ER-Graph, 2015. - 644 pp.*
9. *Ubaydullo Sh. "Where Yavan Fortresses Have Gone?" "Merosi Niyogon" Written Heritage journal, No. 18. – Dushanbe, 2016, №18. - 138 pp.*
10. *Yurkevich E.A. Archaeology Jobs in Tajikistan in 1961. "Explorations in Yavan Area" // E.A. Yurkevich. – Dushanbe: Tajikistan Academy of Sciences, 1964. - 135 pp.*